*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 137 (4557) | СЕШАНБЕ, 8 НОЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## ОФАТҲОИ БЕСОБИҚАИ СОЛИ РАВОН СОБИТ КАРДАНД, КИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ АЗ УМДАТАРИН МУШКИЛОТИ ҶАҲОН БОҚӢ МЕМОНАД

**Суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси 27-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27)**

**Миср, 7-уми ноябри соли 2022**

**Муҳтарам ҷаноби Раис!**
**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Пеш аз ҳама, мехоҳам ба Ҳукумати Ҷумҳурии Арабии Миср барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати баргузории иҷлоси имрӯза миннатдории худро иброз намоям.

Хушксоливу обхезиҳои бесобиқаи соли равон дар ҷаҳон ва аз ҷумла дар минтақаи Осиёи Марказӣ, бори дигар собит намуданд, ки тағйирёбии иқлим аз умдатарин мушкилоти ҷаҳон боқӣ мемонад. Тоҷикистон бо 93 фоизи ҳудуди кӯҳсораш дар баробари тағйирёбии иқлим хеле осебпазир мебошад. Офатҳои табиии вобаста ба ин раванд ҳамасола ба иқтисоди кишвари мо садҳо миллион доллар хисорот ворид карда, дар бисёр ҳолат боиси талафоти ҷонӣ мегарданд. Қобили зикр аст, ки ҳиссаи Тоҷикистон дар ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ хеле ночиз аст ва дар ин раддабандӣ кишвари мо дар ҷои 130-юм қарор дорад, яъне аз рӯи андозаи пасти чунин партовҳо мавқеи пешсафро ишғол менамояд. Зиёда аз 98 фоизи неруи барқ дар Тоҷикистон аз ҳисоби захираҳои барқароршаванда, яъне «энергияи сабз», бахусус гидроэнергетика, ба даст меояд ва аз рӯи ин нишондиҳанда мо дар ҷаҳон дар мақоми шашум қарор дорем. Ҳамзамон, мо нақша дорем, ки то соли 2050 ҳиссаи худро дар иҷрои стратегияи «сифр - партов» тавассути рушди «энергияи сабз» боз ҳам афзоиш диҳем.

Ҳукумати Тоҷикистон «Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим» (соли 2030) ва як қатор санадҳои дигарро қабул намудааст.

**Муҳтарам ҷаноби Раис!**

Захираҳои об дар раванди мутобиқшавӣ ва устуворнокӣ ба тағйирёбии иқлим, ҳамчунин, коҳиш додани оқибатҳои он нақши калидӣ доранд. Афзоиши офатҳои табиии вобаста ба об робитаи ногусастании захираҳои онро бо тағйирёбии иқлим таъкид менамояд.

Имрӯз захираҳои об зери таъсири ҷиддии тағйирёбии иқлим қарор доранд. Намунаи возеҳи ин падидаро мо дар обшавии босуръати пиряхҳо дар сатҳи глобалӣ, аз ҷумла пиряхҳои Тоҷикистон, ки то 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказиро ташкил медиҳанд, мушоҳида менамоем. Тайи чанд даҳсолаи охир аз 13 ҳазор пиряхи мо як ҳазораш пурра аз байн рафтааст.

Бо дарнарназардошти он ки пиряхҳо ва дигар манбаъҳои обии Тоҷикистон, ки дар ҳудудаш 60 фоизи захираҳои обии Осиёи Марказӣ ташаккул меёбанд, ин раванд ба нақшаҳои истифодабарии об дар кишварҳои минтақа мушкилоти иловагиро ба бор хоҳад овард.

Дар ин замина, мо дар доираи Эътилофи обу иқлим пешниҳод намудем, ки соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон карда шавад.

Ҳамзамон бо ин, мо дар доираи талошҳоямон барои омодагӣ ба Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид, ки моҳи марти соли 2023 таҳти раёсати Тоҷикистону Нидерланд баргузор мегардад, ҳамбастагии обу иқлимро ба ҳайси яке аз мавзӯъҳои асосии конфронс пешниҳод намудаем.

Мо, ҳамчунин, дар Конфронси дуюми Душанбе оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор» солҳои 2018 - 2028, тарҳи рӯзномаи амал дар соҳаи обро, ки бояд уҳдадориву амалҳоро дар чорчӯбаи конфронси соли оянда ба ҳам оварад, манзур намудем.

Итминон дорам, ки кишварҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид ва ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор тавассути иштироки фаъол, гирифтани уҳдадорӣ ва суръатбахшии амалҳо дар татбиқи ин масъулияти бузург моро дастгирӣ хоҳанд кард.

Ба ҳамаи мо натиҷаҳои бобарор аз иҷлоси имрӯза ва дар роҳ ба сӯи Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид дар соли оянда ягонагиву ҳамдилӣ орзу менамоям.

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам!**

## КОНСТИТУТСИЯ ИФОДАГАРИ МАНФИАТҲОИ ОЛИИ МИЛЛАТ ВА ДАВЛАТ АСТ

**Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Конститутсия**

**шаҳри Душанбе, 6-уми ноябри соли 2022**

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳар сол 6-уми ноябр ҷашн гирифта мешавад, самимона табрик мегӯям.

Баъди расидан ба истиқлолияти давлатӣ ба мо зарур буд, ки Конститутсия, яъне қонуни асосии давлати соҳибихтиёри худро таҳия ва қабул намоем. Пеш аз ҳама, лозим буд, ки давлати соҳибистиқлоли мо дар сатҳи қонуни асосӣ эълон ва расмӣ гардонида, мақсаду мароми мардуми он - бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ дар ин санади тақдирсоз дарҷ карда шавад. Мардуми шарифи Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 бо қабули ин санади раҳнамо бо майлу иродаи худ маҳз чунин сохти давлатиро интихоб намуданд.

Имрӯз бо ифтихор изҳор медорем, ки Тоҷикистон бо эълони созмон додани чунин ҷомеа ва давлат ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ ворид гардид ва дар ин роҳ ҳамчун қисми ҷудонопазири ҷаҳони муосир ва узви комилҳуқуқи ҷомеаи мутамаддини башарӣ бо қадамҳои устувор пеш рафта истодааст.

Дар Конститутсия принсипу меъёрҳои бунёдии ҷомеа ва давлат муқаррар шудаанд, ки онҳо асоси сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсати хориҷии давлатро ташкил медиҳанд.

Дар асоси меъёрҳои Конститутсия ба мо муяссар гардид, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори сиёсӣ ва иқтисодии кишварамонро таъмин намуда, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам оварем.

Ин санади муқаддас, яъне Конститутсия, воқеан ҳам ифодагари иродаи халқи Тоҷикистон аст, зеро халқ дар муҳокимаи он бо пешниҳоду дархостҳои судманд фаъолона ширкат кард ва онро бо аксарияти мутлақи раъйи худ қабул намуд.

Воқеан, яке аз меъёрҳои асосии Конститутсияи мо таъмин намудани иштироки васеи шаҳрвандони кишвар дар идораи корҳои давлативу ҷамъиятӣ мебошад.

Вобаста ба ин, мехоҳам хотирнишон намоям, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Конститутсия мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Ин масъала дар 34 моддаи он ё аз се як ҳиссаи Конститутсия дарҷ гардидааст.

Арзиши олӣ эътироф шудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун меҳвари асосии Конститутсияи кишвар ифодагари мазмуну моҳияти ҷомеаи демократӣ ва асоси фаъолияти сохторҳои давлатӣ ба шумор меравад.

Дар замоне ки Тоҷикистон дар ҳолати буҳрони бисёр шадиди сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ қарор дошт, қабули чунин як санад бо тарзу усул ва мазмуну моҳияти ҷавобгӯ ба талаботи ҷаҳони муосир, дар баробари дигар омилҳо, барои аз вартаи нобасомониҳо берун кашидани кишвар нақши ҳалкунанда бозид.

Конститутсияи мо, ҳамчунин, ифодагари манфиатҳои олии миллат ва давлат, низоми устувори давлатдорӣ, ҳимояи истиқлоли сиёсиву иқтисодӣ, тамомияти арзӣ, волоияти қонун ва фаъолияти бонизоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад. Аз ин рӯ, Конститутсияи Тоҷикистон санади тақдирсоз, роҳнамо ва шаҳодатномаи халқи Тоҷикистон аст. Бинобар ин, ҳар як шаҳрванди кишвар онро бояд азизу муқаддас шуморад ва ба он ҳамчун дастоварди бузурги мардуми Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ арҷ гузорад.

Дар ин раванд, зарур аст, ки ҳисси эҳтирому гиромидошт нисбат ба рамзҳо ва муқаддасоти миллӣ - Парчам, Нишон, Суруди Миллӣ ва албатта, Конститутсия дар зеҳну шуури наслҳои наврас ҳанӯз аз хурдсолӣ тарбия карда шавад.

Бовар дорам, ки мардуми шарифи Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ гардидани меъёрҳо ва арзишҳои Конститутсия минбаъд низ саҳми арзишманду ватандӯстонаи худро мегузоранд.

Вазъи ноустувор ва зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза моро водор месозад, ки ҳамеша ҳушёру зирак бошем, истиқлолу озодии кишвару миллатро ҳифз намоем, волоияти Конститутсия ва қонунҳои давлати худро таъмин кунем, саъю талоши худро ба хотири боз ҳам устувору мустаҳкам гардонидани сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ равона созем, Ватанамонро обод ва давлатамонро неруманду пешрафта гардонем.

Бори дигар хурду бузурги мардуми кишварро ба ифтихори ҷашни муқаддасу таърихӣ - Рӯзи Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол табрик гуфта, ба ҳар як хонадони мамлакат тансиҳативу осоиш ва рӯзгори босаодат орзу менамоям.

**Доимо саломату сарбаланд бошед, ҳамватанони азиз!**

## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ҶУМҲУРИИ АРАБИИ МИСР



**6-уми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар Конфронси 27-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим ба шаҳри Шарм - уш - Шайхи Ҷумҳурии Арабии Миср сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел карданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчиёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ ва масъалаҳои иқтисодӣ, вазирони энергетика ва захираҳои об, молия, раисони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи ҳифзи муҳити зист ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ карданд.

Ҳамон рӯз дар Фурудгоҳи байналмилалии Шарм-уш-Шайх Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро намояндагони воломақоми Ҷумҳурии Арабии Миср истиқбол гирифтанд.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ҳаштуми ноябри соли 2022 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар оғоз масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» мавриди таҳлил қарор гирифта, пас аз шарҳу тавзеҳи раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода барои баррасӣ ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Сипас, «Дар бораи баргардондани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» ва «Оид ба лоиҳаи Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав» барои пешниҳоди хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳои дахлдор ирсол шуданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» дар алоҳидагӣ қарор қабул кард.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**«Садои мардум»**

# МУЛОҚОТҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

## ДАР ҲОШИЯИ КОНФРОНСИ 27-УМИ ҶОНИБҲОИ КОНВЕНСИЯИ ҚОЛАБИИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ОИД БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ДАР ШАҲРИ ШАРМ - УШ - ШАЙХИ ҶУМҲУРИИ АРАБИИ МИСР

**6-уми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Шарм-уш-Шайхи Ҷумҳурии Арабии Миср дар ҳошияи Конфронси бисту ҳафтуми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27) бо президенти гурӯҳи Бонки исломии рушд Муҳаммад Сулаймон Ал-Ҷоссер мулоқот карданд.**

Дар вохӯрӣ масоили ҳамкории Тоҷикистон бо Бонки исломии рушд мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳи ҳамкории судманд бо Бонки исломии рушд изҳори қаноатмандӣ карда, саҳми бонкро дар татбиқи лоиҳаҳое, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон равона шудааст, баланд арзёбӣ намуданд.



Ҷонибҳо дар вохӯрӣ рафти татбиқи силсилаи лоиҳаҳои муҳим дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, энергетика, нақлиёт, обёрӣ ва дигар бахшҳои афзалиятноки иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистонро баррасӣ карданд.

Идомаи раванди маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятнок дар Тоҷикистон ва таҳияву татбиқи стратегияи шарикии байни Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд зарур шумурда шуд. Ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба ҳамкории муштарак дар самти пешгирӣ ва коҳиш додани таъсири тағйирёбии иқлим, офатҳои табиӣ, зарурати маблағгузории чорабиниҳои барқарорсозӣ пас аз бухрони бемории сироятии COVID - 19 ва дигар омилҳои беруна ба иқтисоди кишвари мо табодули афкор анҷом доданд.

Маблағгузорӣ барои рушди инфрасохтор, ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика ва истифодаи захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон аз имкониятҳои дигари таҳкими робитаҳои дуҷониба номида шуд.

Дар охир Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз президенти гурӯҳи Бонки исломии рушд даъват ба амал оварданд, ки дар вақти муносиб ба Тоҷикистон ташриф оранд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Шарм-уш-Шайхи Ҷумҳурии Арабии Миср дар ҳошияи Конфронси бисту ҳафтуми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27), инчунин, роҳбари Ширкати мисрии ЭЛСЕВЕДӢ ЭЛЕКТРИК «ELSEWEDY ELECTRIC» Аҳмад Ал-Сувейдиро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот масоили ба роҳ мондани ҳамкории судманди Тоҷикистон ва ширкати мисрии ЭЛСЕВЕДӢ ЭЛЕКТРИК баррасӣ гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вохӯриро имкони хуби баррасии дарёфти роҳҳои ҳамкории судманд маънидод карданд.

Таъкид гардид, ки дар Тоҷикистон фазои мусоид ва имкониятҳои фарохи сармоягузорӣ мавҷуд буда, минтақаҳои озоди иқтисодӣ фаъолияти босамар доранд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираиислоҳоти соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва барномаву стратегияҳои давлатӣ барои рушди соҳибкорӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, таъсиси ширкатҳои муштарак ва дастгирии соҳибкории хурду миёна тадбирҳои созандаро амалӣ месозад.



Аз ҷониби роҳбарияти ширкат дар ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, аллакай доир ба сохтмони корхонаи нави трансформаторҳо дар шаҳри Бохтар, неругоҳи барқи обӣ ва корхонаҳои истеҳсоли кабелҳо ва дигар техникаю таҷҳизот дар соҳаҳои энергетикаи барқӣ ва алоқа, ҳамкорӣ дар татбиқи лоиҳаҳои гуногуни истеҳсолӣ, зербиноӣ ва тиҷоратӣ дар соҳаҳои саноат, энергетика, алоқа, обёрӣ, кишоварзӣ ва технологияҳои сабз ба мувофиқаҳои пешакӣ расидаанд.

Зимни суҳбат иттилоъ дода шуд, ки ЭЛСЕВЕДӢ ЭЛЕКТРИК аз ширкатҳои калонтарин ва пешқадами минтақа ва ҷаҳон доир ба истеҳсоли техникаю таҷҳизоти муосири соҳаҳои энергетика, алоқа, обёрӣ, кишоварзӣ, рақамисозии идораю истеҳсолот ва ғайра мебошад. Дар зиёда аз 50 кишвар корхонаҳои саноатӣ дорад ва гардиши молиявиаш 6 миллиард доллари америкоӣ аст.

Ширкат дар татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ дар соҳаҳои гуногун, ба мисли сохтмони шаҳрҳои ҳушманд, неругоҳҳои барқи обӣ, ҳароратӣ, офтобӣ ва бодӣ, роҳҳои оҳан, минтақаҳои истеҳсолӣ ва паркҳои логистикӣ ва инчунин дар истеҳсол, интиқол ва тақсимоти неруи барқ, таҷрибаи фаровон дорад.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Шарм-уш-Шайхи Ҷумҳурии Арабии Миср дар ҳошияи Конфронси бисту ҳафтуми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27), ҳамчунин, бо директори идории Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) хонум Кристалина Георгиева мулоқот карданд.**

Дар рафти суҳбат масоили ҳамкории Тоҷикистону Хазинаи байналмилалии асъор мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми ХБА-ро дар рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишварамон таъкид намуда, натиҷаҳои вохӯриро аз лиҳози баррасии ҳолати кунунӣ ва дурнамои ҳамкории Тоҷикистон ва Хазинаи байналмилалии асъор муҳим арзёбӣ карданд.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон бо воридшавӣ ба узвияти Хазинаи байналмилалии асъор (соли 1993) аз кумакҳои он дар пешбурди ислоҳоти иқтисодӣ, нигоҳдории суботи макроиқтисодӣ, дастгирии тавозуни пардохт, таъмини устувории захираҳои байналмилалӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, аз ҷумла давраи бемории сироятии COVID - 19, баҳраманд гардидааст.



Ҷонибҳо зимни мулоқот оид ба самтҳои гуногуни ҳамкорӣ, аз ҷумла дар ҳалли мушкилоти таъсири манфии тағйирёбии иқлим ба рушди устувор, дарёфти роҳҳои ҳалли ҳамгироёнаи масъалаҳои обу иқлим ва дигар мавзӯъҳои мубрам, табодули андеша карданд.

Ҳамчунин, таҳкими ҳамкории минбаъдаи Тоҷикистонро бо Хазинаи байналмилалии асъор барои Тоҷикистон ҷиҳати амалисозии минбаъдаи ислоҳоти иқтисодӣ ва рушди бомароми кишвар зарур донистанд.

Дар охир Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз директори идории Хазинаи байналмилалии асъор даъват ба амал оварданд, ки дар вақти барояшон муносиб ба Тоҷикистон ташриф оранд.

**7-уми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Шарм-уш-Шайхи Ҷумҳурии Арабии Миср дар ҳошияи Конфронси бисту ҳафтуми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27) бо президенти Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ Алваро Ларио мулоқот карданд.**

Дар рафти вохӯрӣ масоили рушду густариши ҳамкории Тоҷикистон бо Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ баррасӣ гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз таҳкими робитаҳо бо ин ниҳоди бонуфузи байналмилалӣ изҳори қаноатмандӣ карда, омодагии Тоҷикистонро ҷиҳати идомаи босамари ҳамкорӣ таъкид намуданд.

Дар мулоқот ҷалби Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ дар инкишофи инфрасохтори соҳаи кишоварзӣ, баланд бардоштани маҳсулнокии бахшҳои кишоварзӣ ва беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолии деҳот муҳим арзёбӣ гардид.

Барномаи имкониятҳои стратегии кишварии Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ, ки ба дастгирии кишварҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид ҷиҳати амалисозии «Рӯзномаи 2030



оид ба рушди устувор ва таҳкими устувории муҳити зист» равона шудааст, зарур шумурда шуд.

Таъкид гардид, ки дар шароити тағйирёбии иқлим ва паёмадҳои он ба соҳаи кишоварзӣ таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои нави сармоягузории Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ба манфиати кор хоҳад буд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Шарм-уш-Шайхи Ҷумҳурии Арабии Миср дар ҳошияи Конфронси бисту ҳафтуми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27) бо директори иҷроияи Фонди иқлими сабз Яник Глемарек низ мулоқот карданд.**



Дар рафти мулоқот ҷонибҳо масоили дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти глобалӣ ва натиҷаҳои кори Конфронси сатҳи баланди Созмони Милали Муттаҳидро баррасӣ карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин имкони дидору мулоқот ва баррасии масоили ҳамкории дуҷонибаро омили муҳими тавсеаи ҳамкории Тоҷикистон ва Фонди иқлими сабз арзёбӣ намуданд.

Тоҷикистон тайи 20 соли охир як қатор ташаббусҳои глобалиро оид ба оби ошомиданӣ ва тағйирёбии иқлим пешниҳод кардааст, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамовозӣ ёфта, қабул шудаанд. Ташаббуси навбатии кишвари мо ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф намудани оқибатҳои тағйирёбии иқлим оид ба эълон намудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» мебошад.

Таъкид гардид, ки айни ҳол бо ҷалби маблағҳои Фонди иқлими сабз дар Тоҷикистон панҷ лоиҳа мавриди татбиқ қарор дорад. Онҳо дар соҳаҳои энергетика, татбиқи чораҳои зарурӣ барои пешгирии хатарҳои табиӣ, устувории ҷомеаҳои осебпазири минтақаҳои кӯҳӣ ба паёмадҳои иқлимӣ, маблағгузорӣ дар бахши хусусӣ ва беҳтар намудани хизматрасонии обуҳавошиносӣ амалӣ мешаванд.

Дар мулоқот пешниҳод гардид, ки ҷаласаи Шӯрои идоракунандагони Фонди иқлими сабз дар соли 2024 дар шаҳри Душанбе баргузор гардад.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Шарм-уш-Шайхи Ҷумҳурии Арабии Миср дар ҳошияи Конфронси бисту ҳафтуми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27), инчунин, бо Сарвазири Ҷумҳурии Арабии Миср муҳтарам Мустафо Мадбулӣ мулоқот карданд.**




Дар мулоқот маҷмӯи васеи масоили ҳамкории Тоҷикистону Миср, робитаҳои ҳар ду кишвар дар чаҳорчӯбаи ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва рӯзномаи Конфронси сатҳи баланди Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим баррасӣ гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти кишвари мизбон барои даъват ҷиҳати иштирок дар кори ҳамоиши сатҳи баланд ва пазироии самимӣ изҳори сипос карданд.

Ҷонибҳо густариши робитаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва сармоягузориро аз самтҳои муҳими муносибатҳои ҳар ду кишвар арзёбӣ карда, фаъол намудани кори Комиссияи муштараки байниҳукуматиро барои баррасӣ ва тарҳрезии ҳамкориҳои минбаъда дар соҳаҳои мавриди назар зарур шумурданд.

Масоили тавсеаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноат, бахусус дар таъсиси корхонаҳои муштараки саноатӣ, истихроҷу коркарди маъданҳо, ҳамчунин энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ, фарҳанг ва сайёҳӣ низ баррасӣ гардид.

Зимни мулоқот масоили ҳамкорӣ дар самти мубориза бо терроризму ифротгаройӣ ва паҳншавии ақидаҳои тундгароёна, қазияи Афғонистон, ки ба масъалаи доғ ва мавриди нигаронии ҷаҳониён гардидааст, баррасӣ шуд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Шарм-уш-Шайхи Ҷумҳурии Арабии Миср дар ҳошияи Конфронси бисту ҳафтуми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27), ҳамчунин, бо Сарвазири Подшоҳии Нидерланд муҳтарам Марк Рутте мулоқот карданд.**



Дар рафти мулоқот дурнамои робитаҳои ҳар ду кишвар дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар чаҳорчӯбаи ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳи муносибатҳои дӯстию ҳамкорӣ ва робитаҳои дипломатии Тоҷикистону Подшоҳии Нидерланд, ки моҳи июли соли 2022 аз барқароршавии он 30 сол пур шуд, изҳори қаноатмандӣ карданд.

Таъкид гардид, ки дар давраи кунунӣ имкониятҳои зиёд ҷиҳати вусъат додани ҳамкориҳо дар самти иқтисодиву тиҷоратӣ, аз ҷумла энергетика ва коммуникатсия, саноат, кишоварзӣ, молия, сайёҳӣ, ҳамчунин, иҷтимоиву фарҳангӣ, бахусус маориф, вуҷуд доранд.

Зимни мулоқот оид ба истифодаи зарфиятҳои сармоягузорӣ, молиявӣ ва тиҷоратии Нидерланд, инчунин таҷрибаи ғании ширкатҳои он дар рушди иқтисоди Тоҷикистон, бахусус дар соҳаҳои кишоварзӣ, нақлиёт, туризм, фанновариҳо ва технологияҳои нави коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, изҳори ҳавасмандӣ карда шуд.

Дар анҷоми суҳбат Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Сарвазири Подшоҳии Нидерланд Марк Рутте даъват ба амал оварданд, ки дар вақти муносиб бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф оранд. Даъват бо хушнудӣ пазируфта шуд.

Ҷонибҳо ҳамкории судмандро дар татбиқи рӯзномаи СММ оид ба масъалаҳои об, ки дар он Тоҷикистон ташаббускори асосӣ шуморида мешавад, махсусан қайд намуда, омодагиро барои дар сатҳи баланд ҳамраисӣ намудани Конфронси СММ оид ба татбиқи миёнамуҳлати Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор», солҳои 2018-2028 - ро моҳи марти 2023 изҳор намуданд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Шарм-уш-Шайхи Ҷумҳурии Арабии Миср дар ҳошияи Конфронси бисту ҳафтуми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27) бо Президенти Ҷумҳурии Кения муҳтарам Уилям Рутто низ мулоқот карданд.**

Вохӯрӣ бо ташаббуси ҷониби Кения доир гардида, дар рафти он масоили рушду густариши ҳамкории ҳар ду кишвар баррасӣ шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин имкони дидору мулоқотро барои баррасии дурнамои муносибатҳои дуҷониба муҳим арзёбӣ карданд.

Ҷонибҳо зимни вохӯрӣ масъалаҳои вусъат бахшидан ба ҳамкории кишварҳо, тақвият додани заминаҳои ҳуқуқии робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро дар чаҳорчӯбаи ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, баррасӣ намуданд.



Дастгирӣ кардани ташаббуси якдигар дар созмонҳои байналмилалӣ оид ба ҳалли мушкилоти глобалӣ омили муҳими таҳкими эътимоду боварии байни кишварҳо арзёбӣ гардид.

Дар мулоқот ба роҳбарияти олии Ҷумҳурии Кения ҷиҳати ҷонибдории пешниҳоду талошҳои байналмилалии кишвари мо дар соҳаи обу иқлим изҳори миннатдорӣ карда шуд.

Сарони давлатҳо ба вазоратҳои корҳои хориҷии кишварҳояшон супориш доданд, ки барои вусъат бахшидан ба ҳамкории дуҷониба чораҳои зарурӣ андешанд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Шарм-уш-Шайхи Ҷумҳурии Арабии Миср дар ҳошияи Конфронси бисту ҳафтуми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27), инчунин, бо президенти Бонки аврупоии таҷдид ва рушд хонум Одил Рено-Бассо мулоқот карданд.**



Зимни вохӯрӣ масоили ҳамкории Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти бонк барои ҳамкории пайваста ва судманд сипос гуфта, изҳори итминон карданд, ки раванди маблағгузории лоиҳаҳо дар соҳаҳои афзалиятноки Тоҷикистон минбаъд низ босамар идома хоҳад ёфт.

Дар рафти мулоқот саҳми бонк дар таҳкими бахши молиявӣ, рушди бахши хусусӣ, соҳаҳои нақлиёт, энергетика, обтаъминкунии аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои коммуналӣ дар кишвари мо таъкид гардид.

Баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ, инкишофи бозори молиявӣ ва дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ, алалхусус дар самти коркарди ниҳоии маҳсулоти кишоварзӣ, маъданҳои кӯҳӣ ва дигар ашёи хоми маҳаллӣ, аз самтҳои дигари ҳамкорӣ арзёбӣ карда шуд.

Ҷалби маблағҳои иловагӣ ҷиҳати татбиқи пурраи лоиҳаҳо барои расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии давлат, яъне «истиқлолияти энергетикӣ», инчунин, дар шароити тағйирёбии иқлим дастрасии бештар ба «энергияи сабз» ва ташаккули «иқтисоди сабз» зарур шумурда шуд.

Дар рафти суҳбат ҷонибҳо ҳамчунин оид ба дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ низ гуфтугӯ анҷом доданд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Шарм-уш-Шайхи Ҷумҳурии Арабии Миср дар ҳошияи Конфронси бисту ҳафтуми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27), ҳамчунин, бо Канслери федералии Олмон Олаф Шолтс мулоқот карданд.**



Дар рафти мулоқот масоили кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои ҳамкории ҳар ду кишвар баррасӣ гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳи робитаҳои дипломатӣ миёни Тоҷикистон ва Олмон, инчунин дастгирии ин кишвар дар таҳкими истиқлолияти кишвари мо, изҳори қаноатмандӣ карданд.

Дар рафти мулоқот масъалаи идомаи муколамаи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкорӣ баҳри рушд, баргузории ҳамоиши доираҳои иқтисодии Тоҷикистону Олмон ва иштироки Тоҷикистон дар намоишгоҳи байналмилалии «Ҳафтаи сабзи Берлин - 2023» баррасӣ карда шуд.

Ҷонибҳо зимни вохӯрӣ, ҳамчунин оид ба масъалаҳои мубрам, аз ҷумла оқибатҳои манфии тағйирёбии иқлим, хушксоливу камобӣ, обшавии пиряххо, вазъи печидаи Афғонистон, пайомадҳои бемории сироятии COVID - 19, таҳримҳо ва таъсири он ба кишварҳо табодули андеша карданд.

Дар фарҷом Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Канслери федералии Олмон Олаф Шолтс даъват ба амал оварданд, ки бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф оранд.

www.president.tj





# ОБШАВИИ БОСУРЪАТИ ПИРЯХҲО БОЯД ДАР МЕҲВАРИ ТАВАҶҶУҲИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ БОШАД

## Суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Павилиони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфронси бисту ҳафтуми тарафҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим

Миср, 7-уми ноябри соли 2022

**Муҳтарам иштирокдорони чорабинӣ!**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Ҳамаи шуморо дар маросими ифтитоҳи Павилиони миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Конфронси бисту ҳафтуми тарафҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим хайра мақдам мегӯям.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли таърихи ба тасвиб расидани конвенсия иштирокчии фаъоли ин санади муҳими байналмилалӣ буд. Кишвари мо ҷиҳати иҷрои муқаррароти он ва қарорҳои ҷаласаҳои давравии тарафҳои конвенсия пайваста тадбирҳои амалӣ меандешад.

Боиси қаноатмандист, ки дар як муддати нисбатан кӯтоҳ мо тавонистем дар Тоҷикистон чанде аз санадҳои стратегиро дар ин самт таҳия карда, уҳдадориҳои худро дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ иҷро намоем.

Қабули «Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим барои давраи то соли 2030», ҳамзамон саҳми дар сатҳи миллӣ муайяншуда, гузориши чоруми миллӣ оид ба тағйирёбии иқлим ва гузориши дусола оид ба газҳои гулхонаӣ аз ин шаҳодат медиҳанд.

Мусаллам аст, ки тағйирёбии иқлим ба равандҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва экологии кишварҳо дар манотиқи гуногуни олам таъсири бевосита дорад. Аз дидгоҳи мо, яке аз нишондиҳандаҳои асосии ин падида обшавии босуръати пиряхҳо дар натиҷаи гармшавии глобалӣ мебошад. Обшавии бошиддати пиряххои Тоҷикистон намунаи возеҳи ин гуфтаҳо мебошад.

То имрӯз, аз 13 ҳазор пиряхи Тоҷикистон, як ҳазораш комилан об шуда, ҳаҷми бузургтарин пиряхи воқеъ дар хушкӣ – Федченко ба таври назаррас коҳиш ёфтааст.

Обшавии босуръати пиряхҳо, ки яке аз манбаъҳои асосии оби тоза мебошанд, дар баробари зиёдшавии истеъмоли об бар асари афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ, метавонад боиси оқибатҳои бағоят манфӣ гардад. Возеҳ аст, ки ин масъалаи доғ бояд дар меҳвари таваҷҷуҳи хоси ҷомеаи ҷаҳонӣ ва хусусан пешвоёни сиёсӣ қарор дошта бошад.

Дар ин замина мо пешниҳод намудем, ки соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон гардида, санаи мушаххасе ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо» муайян карда шавад. Ҳамчунин, мехоҳам бори дигар аз пешниҳоди Тоҷикистон оид ба таъсис додани «Бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» ёдовар шавам.

Итминон дорам, ки қабули ин иқдомот ва дигар ташаббусҳои ба онҳо монанд ҷиҳати дар сатҳи глобалӣ андешидани чораҳои дастаҷамъона ва татбиқи амалҳо ба хотири ҳифзи пиряхҳо такони тоза хоҳад бахшид.

Қобили зикр аст, ки ҳиссаи Тоҷикистон дар ҳаҷми глобалии партовҳои газҳои гулхонаӣ дар сатҳи пасттарин қарор дошта, аз рӯи ин нишондиҳанда кишвари мо дар ҷои 130-ум қарор дорад. Сарфи назар аз ин, Тоҷикистон то имрӯз барномаҳо ва ташаббусҳои зиёди дохилидавлатиро қабул намуда, амалӣ мегардонад.

Тасмимҳои мо оид ба кабудизоркунӣ, рушди соҳаи гидроэнергетика, яке аз манбаъҳои асосии истеҳсоли «энергияи сабз», аз андозҳои аксиз ва арзиши иловашуда озод намудани воридоти нақлиёти барқӣ маҳз ба коҳиш додани партовҳои газҳои гулхонаӣ ба муҳити зист нигаронида шудаанд.

Кишвари мо ба таҳияи нақшаи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим вобаста ба самтҳои афзалиятнок ва иҷрои «Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим» оғоз намудааст.

Бовар дорем, ки созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, донорҳо ва давлатҳои пешрафта дар масъалаҳои оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, коҳиш додани партови газҳои гулхонаӣ ва пешгирии обшавии босуръати пиряхҳо минбаъд низ бо мо ҳамкории самарабахшро идома хоҳанд дод.

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Бо итминони комил гуфта метавонам, ки тасмимҳое, ки дар доираи чорабиниҳои Конфронси бисту ҳафтуми тарафҳои конвенсия гирифта мешаванд, ба ташаккули механизми ҳамкориҳо дар ин самт дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ мусоидат хоҳанд кард.

**Ташаккур барои таваҷҷуҳатон.**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ҶУМҲУРИИ АРАБИИ МИСР

(Идома аз саҳ. 1)

**7-уми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Шарм-уш-Шайхи Ҷумҳурии Арабии Миср дар маросими ифтитоҳи Павилиони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи Конференсияи 27-уми тарафҳои Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (COP-27) иштирок ва суханронӣ карданд.**

Дар маросими ифтитоҳи Павилиони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, директори иҷроияи Фонди иқлими сабз Яник Глемарик, президенти Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ Алваро Ларио, котиби генералии Созмони ҷаҳонии ҳавошиносӣ Петтери Таалас ва намояндагони дигар созмону кишварҳо низ ширкат доштанд.

Павилиони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи конфронс аз 7 то 18 ноябр дар шаҳри Шарм-уш-Шайх бо мақсади муаррифӣ ва пешниҳоди ташаббусҳои глобалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим, ҳифзи пиряхҳо ва захираҳои об, ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба осебпазирии баланди ҷумҳурӣ ба паёмадҳои тағйирёбии иқлим, афзудани бештари сармоягузорӣ барои мутобиқ гардонидани соҳаҳои калидии иқтисодиёти кишвар ба тағйирёбии иқлим ва тақвияти ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ оид ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим, ташкил гардидааст.

Бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлимро соли 1998 ва Созишномаи Парижро соли 2017 тасдиқ кардааст.

Тибқи муқаррароти қабулгардида, конференсияи тарафҳои конвенсияи мазкур дар як сол як маротиба бо иштироки сарони давлатҳо ва ҳайати васеи намояндагони кишварҳои аъзо, роҳбарони созмонҳои байналхалқӣ, минтақавӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар тарафҳои ҳавасманд баргузор мегардад.

Инчунин, дар ҳошияи конференсия бо мақсади муаррифӣ намудани сиёсати пешгирифтаи давлатҳои аъзо дар самти иҷрои уҳдадориҳо дар назди конвенсия баргузории чорабиниҳои канорӣ, ҳамоишҳо ва воҳуриҳо, павилионҳо ташкил карда мешаванд.

**7-уми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Шарм-уш-Шайхи Ҷумҳурии Арабии Миср дар доираи Конфронси бисту ҳафтуми тарафҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим дар маросими ифтитоҳи Павилиони оби Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ карданд.**

Дар ин маросим Сарвазири Ҷумҳурии Арабии Миср, Сарвазири Шоҳигарии Нидерланд низ иштирок ва суханронӣ намуда, ба ташаббусҳои ҷаҳонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шахсияти пешсаф дар пешбурди масъалаҳои об ва иқлим дар сатҳи ҷаҳонӣ баҳои баланд доданд.

Зимни таҳлилу баррасии масоили тағйирёбии иқлим, обшавии пиряхҳои Тоҷикистон ва таъсири офатҳои табиӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар зарурати афзоиши иқтидори тавлиди «неруи сабз» аз манбаъҳои барқароршаванда дар Тоҷикистон ва пешниҳоди кишвари мо оид ба эълон кардани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»- ро таъкид намуданд.

Дар охири суханронӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори итминон карданд, ки Павилиони об низ дар пешбурди ҳадафҳои созанда саҳми муносиб хоҳад гузошт.

**7-уми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Шарм - уш - Шайхи Ҷумҳурии Арабии Миср дар иҷлоси бисту ҳафтуми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27) иштирок ва суханронӣ карданд.**

Нахуст Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Арабии Миср барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати баргузории чорабинии сатҳи баланд миннатдорӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки хушксоливу обхезиҳои бесобиқаи соли равон дар ҷаҳон ва аз он ҷумла дар минтақаи Осиёи Марказӣ бори дигар собит намуданд, ки тағйирёбии иқлим аз умдатарин мушкилоти ҷаҳон боқӣ мемонад.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки захираҳои об дар раванди мутобиқшавӣ ва устуворнокӣ ба тағйирёбии иқлим, ҳамчунин, коҳиш додани оқибатҳои он нақши калидӣ доранд.

Бо нарназардошти он ки пиряхҳо ва дигар манбаъҳои обии Тоҷикистон, ки дар ҳудудаш 60 фоизи захираҳои обии Осиёи Марказӣ ташаккул меёбанд, ин раванд ба нақшаҳои истифодаи об дар кишварҳои минтақа мушкилоти иловагиро ба бор хоҳад овард.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори итминон карданд, ки кишварҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид ва ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор тавассути иштироки фаъол, гирифтани уҳдадорӣ ва суръатбахшии амалҳо дар татбиқи ин масъулияти бузург кишвари моро дастгирӣ хоҳанд кард.

**www.president.tj**

# ТАШАББУСҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ РАСИДАН БА ҲАДАФҲОИ МАРБУТ БА ИҚЛИМ МУСОИДАТ МЕКУНАНД

## Суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомали Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Павилиони об дар Конфронси бисту ҳафтуми тарафҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим

Миср, 7-уми ноябри соли 2022

**Муҳтарам иштирокдорони чорабинӣ!**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Лутфан ҳамаи шуморо дар маросими кушодашавии Павилиони об аз номи Тоҷикистон шодбош мегӯям.

Кишвари мо таи зиёда аз ду даҳсолаи охир масъалаҳои обро дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд бомаром ва фаъолона пеш мебарад. Дар ин давра бо ибтикори Тоҷикистон Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид 8 қатъномаи марбут ба обро қабул намудааст. Қатъномаҳо дар бораи эълон кардани соли 2003 ҳамчун «Соли байналмилалии оби тоза», солҳои 2005-2015 ҳамчун «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои ҳаёт», соли 2013 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об» аз ҷумлаи чунин иқдомот мебошанд.

Чорабиниҳои мазкур ба пешбурди масъалаҳои об дар сатҳи глобалӣ мусоидати муассир намуда, дар ҷалби бештари таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба зарурати ҳаллу фасли онҳо саҳми муносиб гузоштаанд.

Дар ин зимн, бо ташаббуси кишвари мо Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид Қатънома дар хусуси Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор», солҳои 2018-2028-ро қабул кард.

Меҳвари талошҳои ин даҳсоларо такон ва суръати тоза бахшидан ба амалҳо дар соҳаи об бо мақсади ноил гаштан ба Ҳадафҳои рушди устувор ташкил медиҳанд.

Моҳи июни соли равон мо Конфронси дуюми Душанбе оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор»-ро доир намудем. Дар ин ҳамоиш паёмҳои калидӣ барои Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид дар соли 2023, ки дар чорчӯбаи он раванди татбиқи ҳадафҳои даҳсолаи мазкур арзёбӣ мегарданд, таҳия карда шуданд.

Чунон ки маълум аст, ҳамоиши соли оянда дар таърихи Созмони Милали Муттаҳид бори дуюм аст, ки баргузор мегардад ва интизориҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ аз он хеле зиёданд.

Тоҷикистон ва Нидерланд ба ҳайси ҳамраисони конфронс кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки онро на танҳо аз лиҳози замонӣ, балки аз лиҳози натиҷаҳояш низ таърихӣ гардонанд.

Боиси қаноатмандист, ки Павилиони об низ Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳидро дар маркази таваҷҷуҳи худ қарор додааст ва итминон дорам, ки самараи иҷлосу мубоҳисаҳо дар доираи он ба раванди омодагӣ ба ин ҳамоиши бонуфуз дар соли оянда саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Захираҳои об ва тағйирёбии иқлим ба ҳам робитаи ногусастанӣ доранд. Мо инро дар Тоҷикистон, ки зиёда 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ дар қаламрави он ташаккул меёбад, барьало мушоҳида менамоем. Бар асари гармшавии иқлим суръати обшавии пиряхҳои мо сол ба сол баланд шуда истодааст. То имрӯз аз 13 ҳазор пиряхи Тоҷикистон як ҳазораш пурра аз байн рафтааст. Селу обхезиҳо, хушксолиҳо ва дигар офатҳои табиии марбут ба об ҳамасола дар кишвар хисороти зиёди иқтисодию иҷтимоиро ба бор оварда, дар аксари мавридҳо боиси талафоти ҷонӣ мегарданд.

Ҷанбаи муҳими тасмимҳои моро дар ҷодаи мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва рафъи оқибатҳои он коҳиш додани ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ ба муҳити зист ташкил медиҳад. Тоҷикистон айни ҳол 98 фоизи қувваи барқи худро аз неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда, аз рӯи ин нишондиҳанда дар ҷаҳон ҷои шашумро ишғол менамояд. Мо ният дорем, ки дар оянда иқтидорҳои худро оид ба тавлиди «неруи сабз» аз манбаъҳои барқароршаванда дучанд афзоиш диҳем.

Дар баробари ин, кишвари мо тавассути паст кардани хатару таҳдидҳои офатҳои табиӣ ва мудирияти устувори захираҳои об, ки дар расидан ба ҳадафҳои марбут ба иқлим нақши калидӣ доранд, саҳми муносиб мегузорад.

Пешвоёни эътилофи обу иқлим, ки Тоҷикистон узви фаъоли он мебошад, дар нишасти Душанбе нақшаи амали худро тасдиқ намуданд, ки дар ин самт иқдому ташаббусҳои гуногунро дар бар мегирад. Аз ҷумла, имрӯзҳо пешниҳоди мо оид ба эълон кардани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» дар Созмони Милали Муттаҳид мавриди баррасӣ қарор дорад.

Инчунин, мо дар чорчӯбаи талошҳоямон ҷиҳати омодагӣ ба Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид ҳамбастагии обу иқлимро ба ҳайси яке аз мавзӯъҳои асосии он пешниҳод намудем.

Талошҳои мо дар доираи нишасти Шарм-уш-Шайх, ҳамчунин, ба ҷалб кардани таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба нақши калидии захираҳои об дар ноил гардидан ба ҳадафҳои иқлимӣ ва даъват ба амалҳои муосиру инноватсионӣ дар ин самт нигаронида шудаанд.

Мо итминони комил дорем, ки Павилиони об низ дар пешбурди ин ҳадафҳо саҳми муносиби худро хоҳад гузошт.

Бо истифода аз фурсат, ба ҷониби Миср барои афзалият додан ба масъалаҳои об дар рӯзномаи ҷаҳонии иқлимӣ ва ҳамкориву ҳамдастӣ дар ташкили ин Павилиони об, инчунин ба ҳукуматҳои Нидерланд, Британияи Кабир, Олмон ва созмону ниҳодҳои марбута, ки дар ташкили он саҳми арзанда гузоштаанд, изҳори миннатдорӣ менамоям.

Итминон дорам, ки ин талошҳои якҷояи мо самараи дилхоҳ хоҳанд дод ва мо моҳи марти соли оянда дар Ню-Йорк дар ҳошияи Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид метавонем таҳаввулоти ҷиддиро дар ҳаллу фасли масъалаҳои об амалӣ намоем.

Ба ҳамаи мо дар ин ҷода барору комёбӣ мехоҳам.

**Ташаккур барои таваҷҷуҳатон!**

Машварати ҳуқуқӣ

# САРКАШӢ АЗ ПАРДОХТИ АЛИМЕНТ ҶИНОЯТ АСТ



**Пас аз пош хӯрдани оилаҳо фарзандон бештар дар тарбияи модар қарор мегиранд. Аз сабабе ки бархе аз занҳо кори муносиб ё доимӣ надоранд, тарбияи фарзанд ва бори зиндагӣ ба дӯшашон меафтад. Дар баробари он ки ба кӯдакон тарбияи маънавӣ лозим аст, мушкили молиявӣ низ пайдо мешавад.**

**Мувофиқи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз музди меҳнати падар ба фарзанд алимент ҷудо карда мешавад. Бархе, бинобар надоштани маълумоти кофии ҳуқуқӣ, бо маблағи муайян адвокат мегиранд. Ин дар ҳолест, ки онҳо бо роҳи қонунӣ метавонанд алименти фарзандонашонро бе киро кардани шахси сеюм ба даст оранд. Доир ба махсусияти ситонидани алимент ҳуқуқшиноси давлатӣ аз Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ» Қудратулло Саидов чунин машварат дод:**

- Муносибатҳое, ки вобаста ба пардохти алимент, тартиби рӯёнидани андозаи алимент ба вуҷуд меоянд, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим медарорад. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон андозаи алиментро бо ду тартиб муайян намудааст: судӣ ва ғайрисудӣ (бо маслиҳати тарафайн). Мувофиқи моддаи 81 барои як фарзанд чоряк, барои ду фарзанд сеяк, барои се фарзанд ва зиёда аз он нисфи музди меҳнат ва даромади дигари волидон гирифта мешавад. Мувофиқи муқаррароти қонунгузорӣ, кӯдакони ноболиғ ва падару модари ғайри қобили меҳнат ҳуқуқ доранд аз тарафи муқобил алимент талаб намоянд.

Барои рӯёнидани алимент ариза ба мақомоти судӣ, нусхаи шиносномаи даъвогар, нусхаи шаҳодатномаи ақди никоҳ, нусхаи шаҳодатномаи таваллуди фарзандон ва маълумотнома аз ҷои зист лозим аст. Набояд фаромӯш кард, ки дар ҳолати дархости шахси алиментгиранда ба талаботи моддаҳои 80, 85 ва 88 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ набошад ё ариза ба талаботи моддаҳои 134 - 135 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб надода бошад, дархости алиментгиранда қабул карда намешавад.

Тибқи моддаҳои 177-178 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёда аз се моҳ саркашӣ намудан аз пардохти алимент ҷавобгарии ҷиноятиро дар пай дорад. Мувофиқи моддаи 177, барқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандон, яъне бидуни сабабҳои узрнок саркашӣ намудани падару модар аз иҷрои қарори суд оид ба пардохти маблағ, барои таъмини фарзандони ноболиғ, ҳамчунин фарзандони ғайри қобили меҳнат, ки синнашон ба 18 расидааст, бо корҳои ҳатмӣ ба муҳлати аз яксаду бист то яксаду ҳаштод соат ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат ҷазо дода мешавад. Агар ҳамин кирдор такроран содир шуда бошад, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки ҳангоми ба ҳаждаҳсолагӣ расидани фарзанд, инчунин ҳангоми никоҳ бастани кӯдакони ноболиғ ва дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун дар мавриди аз ҷониби кӯдакон то ба синни балоғат расидан ба даст овардани қобилияти пурраи амал қатъ мегардад.

**Мафтунаи ҲИСОРӢ, «Садои мардум»**

**ОБУНА - 2023**

**ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2023 ИДОМА ДОРАД.**

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА БЕРУН АЗ ОН ХАБАРДОР МЕКУНАД.

*Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул шуда, пешохангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.*

НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА **180 СОМОНӢ** МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»:* с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 412403 | Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Таъмири ҷории биноҳои меҳмонхонаи «Гулистон», «Кохи Сомон», №4, №8 ва даромадгоҳи асосии муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.11.2022 13:20:00 |
| 2 | 412404 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Ваҳдат» | Идомаи сохтмони бинои иловагии 4-ошёна дар муассиса (марҳилаи дуюм) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.11.2022 13:45:00 |
| 3 | 412391 | Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон | Ангишти кони ноҳияи Айнӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 29.11.2022 09:10:20 |
| 4 | 412392 | Прокуратураи вилояти Хатлон | Бензини навъи АИ-92 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 29.11.2022 09:15:20 |
| 5 | 412393 | «Беморхонаи клиникии ба номи Б.Воҳидов»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Доруворӣ, лавозимот ва маводи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 136 | 29.11.2022 09:25:15 |
| 6 | 412395 | Корхонаи фаръии давлатии «Хоҷагию манзилии коммуналӣ»-и ноҳияи Ҷ. Балхӣ | Ниҳоли гули садбарг | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 29.11.2022 09:30:50 |
| 7 | 412396 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Бензини навъи АИ-92 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 29.11.2022 09:35:55 |
| 8 | 412394 | Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи славянии Россия - Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 23 | 29.11.2022 09:50:00 |
| 9 | 412397 | Муассисаи давлатии «Мактаб-интернати миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявии ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 19 | 29.11.2022 09:50:13 |
| 10 | 412399 | Раёсати Хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Суғд | Аккумулятор, чарх ва камераи резинии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 29.11.2022 10:30:00 |
| 11 | 412398 | Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чопи шаҳодатномаи барномавӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 29.11.2022 11:00:00 |
| 12 | 412400 | Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгохи славянии Россия - Тоҷикистон | Корҳои таъмирию сохтмони бинои нав: роҳравҳои 2, 3, 4; бинои 2-юм (факултети ҳуқуқшиносӣ); ошёнаи дуюм деканати кухна; бинои 3-юм (факултети ҳуқуқшиносӣ): кабинетҳо, деканати нав | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.11.2022 11:30:00 |
| 13 | 412401 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ – кӯдакистони №8»-и шаҳри Ҳисор | Таъмири ҷории боми бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.11.2022 11:30:00 |
| 14 | 412414 | Беморхонаи маркази ноҳияи Шаҳристон | Витражи алюминӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 29.11.2022 14:35:00 |
| 15 | 412405 | Корхонаи давлатии коммуналии «Шуъбаи сохтмони асосӣ»-и шаҳри Бӯстон | Идомаи гузаронидани системаи гармидиҳӣ дар МТМУ №11-и шаҳри Бӯстон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.11.2022 14:45:45 |
| 16 | 412406 | Раёсати фарҳанги вилояти Суғд | Матоъ барои парда ва лавозимот барои тайёр намудани пардаи асосӣ ва қафопардаи толори консертии Муассисаи давлатии «Қасри маданияти «Арбоб» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 29.11.2022 14:45:45 |
| 17 | 412407 | Муассисаи давлатии «Мактаб - интернат»-и шаҳри Истаравшан | Масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 29.11.2022 14:45:45 |
| 18 | 412408 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббӣ»-и шаҳри Истаравшан | Ҳоҷатхона ва таъмири синфхона, роҳрав, ҳоҷатхона ва майдончаи варзишии зимистонаи муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.11.2022 14:45:45 |
| 19 | 412411 | Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 29.11.2022 14:45:45 |
| 20 | 412412 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Қолин барои иншооти «Азнавсозии осорхонаи Муассисаи давлатии вилоятии Қасри маданияти «Арбоб» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 29.11.2022 14:45:45 |
| 21 | 412413 | Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббӣ - санитарӣ»-и шаҳри Истаравшан | Сохтмони бинои иловагӣ дар ҳудуди муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.11.2022 14:45:45 |
| 22 | 412415 | Ташкилоти ҷамъиятии «Шуъбаи суғдии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон»-и шаҳри Хуҷанд | Китоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 29.11.2022 14:45:45 |
| 23 | 412418 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Лавозимоти корӣ, лавозимот, лампаи каммасраф, лавозимоти барқӣ, асбоби санитарӣ, обгармкунак ва маводи шустушӯй | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 49 | 29.11.2022 14:50:00 |
| 24 | 412390 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Антифриз ва равғани молиданӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 29.11.2022 14:57:55 |
| 25 | 412409 | Муассисаи давлатии «Равшании Душанбешаҳр» | Таҷҳизоти барқӣ, чароғ ва асбобҳои рӯшноидиҳанда барои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 29.11.2022 15:00:00 |
| 26 | 412410 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 47 | 29.11.2022 16:00:00 |
| 27 | 412402 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | Васл намудани қубурҳои гармидиҳӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 30.11.2022 11:37:06 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

Funded by European Union Humanitarian Aid | IFRC | Finnish Red Cross | German Red Cross | Croce Rossa Italiana | UNDRR UN Office for Disaster Risk Reduction

# ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

**Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерии таъмини маводу таҷҳизот аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро аз рӯи як лот, ки аз тарафи шарики рушд - Салиби Сурхи Олмон дастгирӣ меёбад, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:**

Аз рӯи лоиҳаи «Суръат бахшидани фаъолиятҳои маҳаллӣ дар шароити буҳрони гуманитарӣ ва тандурустӣ» (ECHO PPP):

**Лоти 1:** Таҷҳизот ва либоси махсус (униформа) барои аъзои кумитаҳои маҳал оид ба ҳолатҳои фавқулода ва гурӯҳҳои миллии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода.

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмунҳои тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон, дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот, таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо рақами телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём - 120 унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

Мӯҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо то 21-уми ноябри соли 2022, соати $09^{00}$ бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.

# ДАРАК ДИҲЕД!

Суди ноҳияи Ҷаббор Расулови вилояти Суғд ба шаҳрванд Раҳматуллоев Ибодулло Насруллоевич, санаи таваллудаш - 14-уми октябри соли 1960, миллаташ - ӯзбек, сокини ноҳияи Ҷаббор Расулов, Ҷамоати деҳоти Ғулакандоз, кӯчаи Навоӣ, хонаи 80 пешниҳод менамояд, ки ба Суди ноҳияи Ҷаббор Расулов ҳозир шавад ё аз худ дарак диҳад.

Аз шахсоне, ки дар бораи Раҳматуллоев Ибодулло Насруллоевич маълумоте доранд, хоҳишмандем ба Суди ноҳияи Ҷаббор Расулов хабар расонанд.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳисор, бинои 36, квартираи 42 ба Латипова Латофат Тоҳировна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи А № 122688-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №42-и ноҳияи Қубодиён соли 1991 ба Мадиева Гулзорхон Норбоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи А № 163906-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №42-и ноҳияи Қубодиён соли 1985 ба Раҳматулоева Интизор Ҷумаевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи БП № 870900-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №42-и ноҳияи Қубодиён соли 1982 ба Мирзоев Давлатбек Кобилович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи БР № 095985-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №42-и ноҳияи Қубодиён соли 1985 ба Валиева Садорат Идиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии № 0180928-и гумшуда, ки онро Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон дар шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) 17-уми марти соли 2015 ба Файзалиев Шомурод Махмадсаидович (РЯМ 2830088846) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи А №004091-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №25-и шаҳри Душанбе соли 1987 ба Рахматова Фарогат Шадыевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома бо шартҳои махсуси №0497612-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 24-уми июни соли 2022 ба Ҳоҷимуродов Зафар Ибрагимович (РЯМ 0430097828) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии таъсисёбии ташкилоти ҷамъиятии Маркази омӯзишӣ ва таҳлилии «Сивилизатсия»-и гумшуда, ки 31-уми декабри соли 2007 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 776 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, эътибор надорад.

✓ Аппарати хазинавии ОКА-пф (код-00030877)-и гумшуда, ки онро Идораи нозироти андози ноҳияи Варзоб ба мағозаи хӯроквории соҳибкори инфиродӣ Маҳмадиев Қодир Раҷабович (РМА 155047105) додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А № 0034786-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе таҳти қайди № 7500 санаи 23-юми сентябри соли 2016 ба Умаров Нурулло Ульмасович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хизматии гумшуда, ки онро Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 ба Ибодов Меҳроҷиддин Ҳабибуллохонович додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Мармари Панҷруд», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0270470 ва Иқтибос дар Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ бо РЯМ 6010004807 ва РМА 600012492 буда, 23-юми апрели соли 2014 дар Нозироти андози шаҳри Панҷакент ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Умар-2011», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0256987 ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ бо РЯМ 0310012615 ва РМА 030023488 буда, дар Идораи нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 15-уми марти соли 2013 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии Маркази омӯзишӣ ва таҳлилии «Сивилизатсия», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 31-уми декабри соли 2007 таҳти рақами 776 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои МАРДУМ
Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

**САРМУҲАРРИР**
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17-уми марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 8 ноябри соли 2022, соати 17:40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33410 нусха*

Навбатдори шумора Ш. Абдулвоҳидова

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров